## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзӯи: «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон пешниҳод шудааст.**

Мубрамии мавзуи таҳқиқ дар ин аст, ки бояд илми забоншиносӣ дар баробари дигар масъалаҳо таърихи ташаккули истилоҳотро мавриди таҳқиқ қарор дода, донишҳои забоншиносии худро дар асоси таърихии он инкишоф диҳад. Зеро, маҳз истолоҳот заминаи асосии дарки дониш ва илмҳо буда, дар шароити кунунӣ таҳқиқу баррасӣ намудани он муҳим аст. Аз ин нуктаи назар, таҳқиқи таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик хеле муҳим ва зарур буда, то имрӯз ҳарчанд доир ба ин самт таҳқиқи бунёдии илмӣ дар забоншиносии тоҷик аз ҷониби забоншиносон таълиф гардида бошад ҳам, вале доир ба таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносӣ дар бахшу гурӯҳҳои мушаххас кори алоҳидаи таҳқиқӣ ба анҷом нарасидааст. Аз ин лиҳоз, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тасмим гирифта шуд, ки вобаста ба таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик дар асоси манбаъҳои бостонӣ, асрҳои миёна ва даврони муосир кори таҳқиқӣ ба анҷом расонида шуда, зимни он шаклгирӣ ва инкишофи истилоҳоти соҳаи забоншиносиро ба таври мушаххас таҳлил ва баррасӣ гаштааст.

Мақсади асосии таҳқиқот баррасии ҳамаҷонибаи таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик мебошад, ки дар асоси маводди фарҳангҳои мавҷудаи пешин ва осори донишмандони асрҳои миёна ва муосир сурат гирифтааст.

Навоварии пажуҳиш дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар илми забоншиносии муосири тоҷик таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта, вижагиҳои он дар мароҳили гуногуни таърихӣ муайян карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.19 – Назарияи забон ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мутобиқат менамояд.

Хулоса ва тавсияҳое, ки дар автореферати рисола оварда шудаанд, бо методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси лингвистӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявии таҳқиқот такя мекунанд.Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия роҷеъ ба мубрамии таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, навоварии илмии таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, коркарди мавзуъ, методҳои таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, сохтор ва ҳаҷми рисола маълумот дарҷ гардидааст.Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххас ва дақиқ ҳаллу фасл гаштааст.

Автореферати диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин пурмазмун буда, мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Вале бо вуҷуди комёбиҳо дар фишурда баъзе нуқсонҳо ба назар мерасанд: дар автореферати диссертатсия ҷо - ҷо ғалатҳои имлоӣ ба чашм мерасад;

Эроди номбаршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии ин корро паст намекунанд ва онҳоро муаллиф метавонад дар таҳқиқотҳои оянда ислоҳ намояд.

Хулоса, таҳқиқот дар сатҳи лозимии илмӣ сурат гирифтааст. Нажмудинзода Рисолат Хайридин тавонистааст аз адабиёти зиёд истифодабарӣ намояду мавзӯи илмиашро асоснок намояд.
Нашри мақолаҳои илмӣ ва баромадҳо дар конфронсҳо гувоҳӣ медиҳад, ки муаллифи рисола муҳаққиқи хуби илмӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои диссертант пурра мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзӯи: «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик» ба талаботи бандҳои 31-33 - и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ, PhD, муаллими калони кафедраи забон

ва адабиёти руси Донишкадаи соҳибкорӣ ва омӯзгории шаҳри Денави

Ҷумҳурии Узбекистон Юнусов Алишер Панджиевич

Нишонӣ: 190503,Ҷумҳурии Узбекистон, деҳаи Деҳнав Ҷамоати Боғи Эрам

Имзои А.П. Юнусовро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси

Донишкадаи соҳибкорӣ ва омӯзгории Денави О.С. Султонов

Нишонии муассиса: Ҷумҳурии Узбекистон, ш.Денав

гузаргоҳи Боғ, 112

14.08.2025с.